Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ
(734042, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10а)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич дар мавзӯи «Баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика**

Соҳаи саноат барои таъмини рушди устувори иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, истеҳсоли молҳои рақобатпазир, зиёд кардани иқтидори содиротии мамлакат ва ниҳоят баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ нақши муҳим ва ҳалкунанда дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар доираи стратегия ва барномаҳои соҳавӣ ба роҳ монда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатиро тадриҷан афзун менамоянд. Зарурати таъмини устувории фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагӣ истифодаи усулҳои мушаххаси идоракунии хавфҳоро талаб мекунад, ки дар байни онҳо нақши асосиро усули суғуртакунӣ мебозад, зеро маҳз он имкон медиҳад, ки хавфҳо аз ҳолати номуайянӣ ба объекти ҳимояи суғуртавӣ табдил дода шаванд. Суғурта кафолати рушди мунтазами раванди истеҳсол ва фурӯши маҳсулотро таъмин менамояд, зеро зарари ба корхона расонидашуда аз ҳисоби захираҳои ташкилоти суғуртавӣ, бидуни сарф кардани маблағҳои худи корхона ба ин мақсадҳо ё бе интизории ҷудо кардани захираҳо аз дигар сарчашмаҳо, ҷуброн карда мешавад. Вобаста ба ин гуфтаҳо, қайд намудан зарур аст, ки зарурати такмили усулҳои баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ дар шароити номуайянӣ ва хавф муҳиммияти тадқиқоти илмии Ф.Н. Хайруллоевро ифода мекунад.

Пажуҳишҳои як қатор олимони ватанию хориҷӣ, усулҳои мавҷудаи баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноатӣ, барномаҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои методологии таҳқиқотро ташкил намудаанд.

Муаллифи автореферат дуруст иброз намудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун дигар давлатҳои пасошуравӣ то замони гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ масъалаи хавфҳо, баҳодиҳӣ ва идоракунии онҳо ҳамчун объекти таҳқиқот мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор нагирифта буд ва танҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ муҳаққиқони зиёди ватанӣ ба таҳқиқи масъалаи мазкур машғул шудаанд (с. 4). Аз мазмуни автореферати Хайруллоев Ф.Н. маълум мегардад, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ асосноккунии назариявии олимон-иқтисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ истифода шуда, натиҷаҳои илмӣ ба

масъалаҳои такмили усулҳо ва механизми баҳодиҳии хавфҳо ва суғуртакунии онҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд.

Унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н. бо мақсади ноил шудан ба ҳадаф ва иҷрои вазифаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда усулҳои зерини илмӣ-таҳқиқотиро мавриди истифода қарор додааст: системавӣ, таҳлилӣ, монографӣ, гурӯҳбандӣ, иқтисодӣ-оморӣ, муқоисавӣ, баҳодиҳии иқтисодӣ, абстрактивӣ ва мантиқӣ, таҷрибавию озмоишӣ ва ғайра. Истифодаи усулҳои мазкур илман асоснок кардани баҳодиҳии хавфҳо ва суғуртакунии онҳоро дар корхонаҳои саноати бофандагӣ, натиҷаҳои назариявию амалӣ, хулоса ва пешниҳодҳоро таъмин намуданд.

Аз нигоҳи муаллифи раёсат «дар баёни мафҳумҳои «хавф» ва «фоида» алоқаи мустақим мавҷуд буда, агар сатҳи хавф паст бошад, эҳтимоли гирифтани фоида кам мешавад ва чӣ қадаре сатҳи хавф баланд бошад, ҳаҷми фоидаи интизорӣ ҳамон қадар зиёд мешавад» (саҳ.12).

Ба андешаи унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н. аз сабаби он, ки соҳаи саноати бофандагӣ сохтори васеъ ва амалиёти зиёди истеҳсолиро фарогир аст, эҳтимолияти пайдоиши хавфҳо дар ин корхонаҳо зиёд мебошад. Муаллиф дуруст иброз намудааст, ки мақсади баҳодиҳии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ пешгирии ҳодисаҳои нохушу ногаҳонӣ дар истеҳсолот, ҳимояи ҳаёт ва саломатии кормандон аз ҳодисаҳои нохуш дар ҷараёни истеҳсолот мебошад .

Муаллиф дар асоси «Модели ҳамгирой»-и COSO модели идоракунии хавфҳоро таҳия намудааст (расми 1), ки хело ҷолиб аст (саҳ.13). Унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н. дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ моделҳои мавҷудаи маблағгузории хавфҳои касбиро дар корхонаҳои саноатии мамлакатхои хориҷӣ муайян намудем, ки онро дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намудан имконпазир мебошад.

Бо мақсади осон намудани баҳодиҳии ҳолати молиявии корхонаҳои саноати бофандагӣ, муаллиф коэффитсиентҳои камро интихоб намуда, модели шаҷараи робитаи тарафайни коэффитсиентҳо ва устувории молиявии корхонаҳои саноати бофандагиро таҳия кардааст (расми 4), ки аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, дар таъмини устувории молиявии корхонаҳои мазкур истифода мешавад (саҳ. 26).

Унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н. бо истифода аз усулҳои эконометрикӣ амсилаи иқтисодӣ-риёзии рушди соҳаи саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити номуайянӣ ва хавфҳо таҳия намуда (ҷадвали 8) (саҳ.29), тибқи тавсифи оморӣ эътимоднок буда, барои дурнамосозӣ мувофиқат менамоянд. Аз ин ҷост, ки амсилаи мазкурро истифода намуда, муаллиф дурнамои нишондиҳандаҳои соҳаи саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои 2023-2030 ҳисоб намудааст (ҷадвали 9) (саҳ. 29).

Новобаста аз дастовардҳои зикршуда, автореферати тақризшаванда дорои баъзе нуқсону камбудиҳо мебошад, ба монанди:

1. Дар автореферат оид ба таҷрибаи байналхалқии суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ маводҳои кофӣ оварда мешуд, он гоҳ қимати таҳқиқот баланд мегардид.

2. Инчунин дар автореферат баррасии принсипҳои таснифи хавфҳо аз рӯйи нишонаҳои асосӣ ва пешниҳоди таснифи онҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ ба пуррагӣ дида баромада нашудааст.

Вале бояд қайд намуд, ки дар маҷмуъ камбудиҳои мазкур на он қадар ҷиддӣ буда, арзиши назариявию методологӣ ва илмию амалии диссертатсияро паст намекунанд.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич дар мавзӯи «Баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика пешниҳод гардидааст, ба талаботи бандҳои 31-35-уми «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои иқтисодӣ, директори
Муассисаи давлатии таълимии
Коллеҷи информатика ва техникаи
компютерии шаҳри Душанбе Давлатзода Б.Р.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад 48/1
Тел.: +992 372-39-05-01. E-mail: plikt@mail.ru

Имзои «Давлатзода Б.Р.»-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо, корҳои махсус ва
бойгонии Коллеҷи информатика ва техникаи
компютерии шаҳри Душанбе Сайдалиева Д.Ш.

Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (734042, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10а)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич дар мавзӯи «Баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика**

Як хусусияти муҳимми хавфҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ ногузирии онҳо буда, идоракунии самараноки хавфҳое, ки дар фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагӣ ба вуҷуд меоянд бе истифодаи усулҳои махсуси ҳимояи манфиатҳои молу мулкии корхонаҳои мазкур аз хавфҳои гуногун ғайриимкон мебошад. Яке аз чунин усулҳои маъмул ва самаранок суғуртакунӣ ба шумор меравад. Маҳз иқтисоди бозорӣ барои рушди муносибатҳои суғуртавӣ шароити мусоид фароҳам меорад, зеро башхи хусусӣ эҳтиёҷи бештар ба хизматрасониҳои суғуртавӣ дорад.

Масъалаҳои ҳалнашуда вобаста баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ ба раванди баланд бардоштани ҷолибнокии сармоягузории ин корхонаҳо, афзоиши маҳсулоти саноатӣ ва рушди босуботи онҳо халал мерасонад. Аз ин рӯ, мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои аҳамияти муҳимми назариявию амалӣ мебошад.

Аз автореферати диссертатсия ба назар мерасад, ки навгониҳои илмии таҳқиқот аз таҳияи заминаи назариявӣ-методӣ ва тавсияҳои амалӣ иборат мебошад, ки барои такмили усулҳо ва механизми баҳодиҳии хавфҳо ва суғуртакунии онҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшуда ба сатҳи такмилдиҳии назария ва амалияи баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ мусоидат мекунад. Натиҷаҳои илман асоснокгардидаи таҳқиқот метавонанд барои таҳлил ва баҳогузорӣ намудани ҳолати баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаҳои оянда истифода бурда шаванд.

Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки «хавф ҳамчун категорияи иқтисодӣ хусусияти объективӣ ва ногузир дошта, хоси тамоми соҳаҳои фаъолият ба шумор меравад. Дар бораи пайдоиши мафҳуми «хавф» нуқтаю назарҳои гуногуни олимон мавҷуд буда, то ҳанӯз маълумоти

пурраи аниқу дақиқ оид ба пайдоиш ва истифодаи ин мафҳум вуҷуд надорад» (саҳ. 11).

Унвонҷӯ усулҳои асосии баҳодиҳии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагиро таҳқиқ шуда, роҳҳои истифодаи самараноки ин усулҳоро пешниҳод кардааст. Ба ақидаи муаллиф, баҳодиҳии хавфҳо - «ин раванди таҳлил ва арзёбии сарчашмаҳо ва омилҳои хавфҳо, таҳияи чорабиниҳо барои пешгирӣ ва паст намудани сатҳи хавфҳо ва то ҳадди ақал кам намудани зарари инконпазир ба шумор меравад» (саҳ. 12).

Дар асоси омӯзиши равишҳои гуногун оид ба моҳияти хавф, унвонҷӯ мафҳуми «хавф» - ро чунин таъриф додааст: «хавф - ин ҳолати номуайянӣ, номувофиқатии натиҷаи воқеӣ аз нақшаи пешбинишуда, эҳтимоли гирифтани зарар ё фоида мебошад» (саҳ. 12). Ин таърифи муаллиф моҳият ва мазмуни мафҳуми «хавф» - ро мушаххас ва пурра инъикос менамояд ва хеле ҷолиби диққат мебошад.

Яке аз бартариҳои автореферати тақризшаванда дар он аст, ки муаллиф бо истифодаи маълумоти дақиқи оморӣ тавонистааст ҳолати муосири фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил ва арзёбӣ карда, мушкилоти дар ин соҳа мавҷудбударо муайян намуда, барои ҳалли онҳо тавсияҳои амалӣ пешниҳод намояд.

Муаллиф қайд менамояд, ки натиҷаи дараҷабандии омилҳои хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки дараҷаи ин хавфҳо асосан аз таъсири хавфҳои молиявӣ, истеҳсолӣ, сармоягузорӣ, қарзӣ ва инноватсионӣ вобаста мебошад (саҳ. 21).

Унвонҷӯ дуруст қайд намудааст, ки суғурта моҳиятан як шакли ташкили фонди махсуси пулӣ аз ҳисоби ҳаққи суғуртавии пардохтнамудаи суғурташавандагон буда, ҷуброни зарари дар натиҷаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ бавуҷудомадаро, вобаста ба шартҳои созишномаи суғуртавӣ, кафолат медиҳад (саҳ. 26 - 27).

Алгоритми суғуртакунии хавфҳои корхонаи саноати бофандагӣ, ки муаллиф таҳия кардааст, се марҳиларо дар бар мегирад: таҳлили хавфҳо; ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот; суғуртакунӣ (с. 27).

Дар маҷмӯъ чуноне, ки аз автореферат маълум гардид диссертатсия дар мавзӯи хело мубрам анҷом дода шудааст ва ба талаботи муқарраршуда оид ба чунин корҳо ҷавобгӯ мебошад. Ҷиҳатҳои мусбати зикршудаи автореферат ба мо имкон дод чунин хулоса барорем, ки таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ таҳқиқоти мустақили дар сатҳи баланд таълифгардида ба шумор меравад.

Матни автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи унвонҷӯ мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошанд.

Дар автореферат ғайр аз нуктаҳои муфиди аҳамияти илмию таҳқиқотидошта, баъзе нуқсонҳо низ ба назар мерасанд:

1. Агар муаллиф моҳият ва аҳамияти амсилаи иқтисодӣ - риёзии рушди соҳаи саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити номуайянӣ ва хавфҳоро (ҷадвали 8) шарҳ медод, қимати илмии диссертатсия боз ҳам баландтар мешуд.

2. Дар матни автореферат баъзе мавхумҳои баҳсталаб нисбати таъсири хавфҳои гуногун ба фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чашм мерасанд.

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои зикршуда ҷузъӣ буда, мазмун ва баҳои воқеии авторефатро тағйир намедиҳанд. Масъалаҳои назариявӣ ва методологӣ дар диссертатсия пурра таҳқиқи илмӣ ёфта, мустақил будани муаллифро дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ нишон медиҳанд.

Диссертатсияи Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич дар мавзӯи «Баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ», дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботҳои КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад, ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика сазовор мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Самандарзода И.Ҳ.

Суроғаи донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Тел.+992935014316. E.mail: iskandar-s@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Самандарзода И.Ҳ. – ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳо Раҷабова Н.А.

*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ*
*(734042, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10а)*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич дар мавзӯи «Баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика**

Дар шароити ноустувор ва зудтағйирёбандаи муосири иқтисодӣ яке аз вазифаҳои муҳимми фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагӣ баҳодиҳии сифатӣ ва миқдории хавфҳо ва суғуртакунии онҳо ба шумор меравад. Зарурати асосноккунии назариявии усулҳои баҳодиҳии хавфҳо ва суғуртакунии онҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ, душвории ҳалли ин вазифаҳо дар амал муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти мазкур, ҳадаф, вазифаҳо ва сохти онро муайян кардааст.

Мундариҷаи автореферати диссертатсия бо истифодаи принсипи пайдарҳамии мантиқӣ таҳия гардида, масъалаҳои муҳимми мавзуи таҳқиқот бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотии интихобшуда, объект, мавзуъ, навгонии илмӣ ва дигар талаботҳои таҳияи рисолаҳои номзадии аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, мавриди таҳқиқоти диссертатсионӣ қарор дода шудааст.

Муҳтавои автореферати диссертатсия ва равишҳои илмии истифоданамудаи унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н. исбот менамояд, ки мавзӯи таҳқиқотӣ барои иқтисодиёти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи таркибии иқтисодиёти мамлакат баҳогузорӣ мешавад, масъалаест, ки то имрӯз ба дараҷаи кам таҳқиқ шудааст. Ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот фарзияҳои нави илми иқтисодиёти саноатиро дар шароити номуайянӣ ва хавф ошкор намуда, ҳамзамон ақидаҳои илмии асосноккардашуда, метавонанд барои такмили баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои муҳим гузоранд.

Яке аз бартариҳои автореферати диссертатсия он аст, ки муаллиф равишҳои гуногунро оид ба таъриф и мафҳуми «хавф» омӯхта, онҳоро ба ду гурӯҳи муқобил ҷудо намудааст, ки ин дуруст мебошад.

Аз таҳлили автореферати диссертатсияи унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н. чунин бар меояд, ки мақсад ва вазифаҳои дар диссертатсия нишондодашуда дуруст ба роҳ монда шудаанд ва онҳо метавонанд вазъи муосири равандаи соҳаи саноати бофандагиро беҳтар созанд. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки «Баҳодиҳии сифатӣ ва миқдории хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ барои муайян кардани хавфҳои имконпазир, омилҳо ва сабабҳои пайдоиши онҳо, пайдарпайии амалҳое,

ки дар рафти иҷрои онҳо хавфҳо ба вуҷуд меоянд, нигаронида шудааст» (с. 13).

Муаллиф таъкид кардааст, ки «корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити номуайянӣ ва хавфҳои мухталифи берунӣ ва дохилӣ, ки ба устувории онҳо таъсир мерасонанд, фаъолият мекунанд. Дар раванди идоракунии хавфҳо ҳадафи асосӣ он аст, ки сатҳи таъсири хавфҳо ба устувории корхона паст карда шуда, зарари эҳтимолӣ то ҳадди ақал кам карда шавад. Бинобар ин, барои ноил шудан ба ин ҳадаф истифодаи самараноки усулҳои баҳодиҳии хавфҳо хело муҳим мебошад» (с. 14-15). Дар асоси таҳқиқ унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н. ба хулосаи дуруст омадааст, ки дар шароити муосир татбиқи усули худсуғуртакунӣ фоиданоктар шуда, самараи усули суғуртакунӣ бо сабабҳои зерин кам мешавад: васеъ шудани ҳаҷми корхона; мураккаб гардидани сохтори корхона ва дар ҳудуди калон тақсим шудани воҳидҳои истеҳсолии он (с. 21).

Дар шароити номуайянӣ ва хавф масъалаи ташаккули методикаи муосири баҳодиҳии хавфҳо дар корхонаҳои саноатӣ, махсусан корхонаҳои саноати бофандагӣ, аҳамият ва муҳиммияти бештар пайдо менамояд. Аз ин рӯ, муаллиф тавассути гузаронидани таҳлили коэффитсиентӣ омилҳои хавфҳоро муайян намудааст, ки он имкон медиҳад сатҳи устувории самтҳои асосии зерини фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагӣ баҳогузорӣ карда шавад: самти истеҳсолӣ; самти молиявӣ (с. 25).

Дар автореферати рисола самтҳои такмили механизми суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ муайян карда шуда, қайд гардидааст, ки дар ҷараёни идоракунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ аз усулҳои гуногун истифода мебаранд: даст кашидан аз хавф; худсуғуртакунӣ; суғуртакунӣ; диверсификатсия; маҳдудкунӣ ё меъёргузорӣ; хеҷкунонӣ ва ғайра.

Бояд зикр кард, ки натиҷаҳои илмии дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастовардашуда дар таҳқиқотҳои оянда, ки ба самти баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ нигаронида шудаанд, истифода бурда мешаванд. Нуқтаҳои илман асосноккардашуда ва хулосаю пешниҳодҳои дар автореферати диссертатсия дарҷ гардида метавонанд барои омодасозии заминаҳои методӣ ва ҷиҳатҳои амалии барномаҳои кутоҳмуддат ва дарозмуддати Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти идоракунии хавфҳои корхонаҳои саноатӣ истифода карда шаванд.

Муаллиф ба ҳадафҳои таҳқиқоти илмӣ ноил шуда, вазифаҳои онро иҷро намудааст. Матни автореферат ва мақолаҳои ба нашррасонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошанд.

Ба андешаи мо, дар автореферати диссертатсияи унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н. дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ, инчунин баъзе камбудиҳо ва андешаҳои баҳсталаб мавҷуданд, аз ҷумла:

1. Агар дар автореферат технологияи татбиқи барномаи маҷмӯии суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода мешуд, он гоҳ сифати таҳқиқот пурмуҳтаво мегардид.

2. Дар матни автореферат арзёбии самаранокии суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ пурра дарҷ нашудааст.

Бояд кайд кард, ки камбудиҳои ошкоршуда ба мазмуну муҳтаво ва аслияти волои кори диссертатсионӣ таъсир намерасонанд ва арзиши илмии онро инкор намекунанд. Кори диссертатсионӣ пурра анҷомёфта ҳисобида шуда, маколаҳои нашрнамудаи муаллиф ба мазмуни рисола мувофиқат мекунанд.

Дар маҷмуъ, ба андешаи мо, автореферати тақризшаванда аз он шаҳодат медиҳад, ки диссертатсияи Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич дар мавзӯи «Баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика кори илмии мантиқан ба итмомрасида буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси зикргардида мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**н.и.и., дотсенти кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинг**
**МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров"** **Х.Ш.Пӯлодова**

**Суроғаи донишгоҳ:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Худҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
МДТ "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров"
Телефон: (+992 3422) 6-52-73,
Факс: (+992 3422) 6 – 52 – 73.
E – mail: hgu – rector@khujandi.com http://hgu.tj.
E-mail: rahim13@list.ru
тел. +992 927786986

Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинг Пӯлодова Хуршеда Шарифҷоновнаро тасдиқ мекунам:

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров":** **Э.М. Наврӯзов**

Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-015
назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ
(734042, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10а)

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич дар мавзӯи «Баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика**

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар вазъияти зиёд шудани номуайянӣ ва ноустувории муҳити иқтисодӣ пеш мебаранд. Дар ин робита, дар масъалаи гирифтани натиҷаи ниҳоии пешбинишуда номуайянӣ, носаҳеҳӣ ва нобоварӣ ба вуҷуд меояд ва дар ин замина хавфҳо, яъне эҳтимоли нобарории кор, талафоти молиявӣ ва моддии пешбининашуда, пайдо мешаванд. Вобаста ба чунин ҳолат, зарурати таҳияи стратегияи нави идоракунии корхонаи саноатӣ, ки дар шароити номуайянӣ ва хавф фаъолият мекунад, таҳияи методикаи таҳлил ва баҳодиҳии хавфҳо, инчунин тартиби қабул ва иҷрои қарорҳои идоракунӣ, ба миён меояд. Барои бомуваффақият ва самаранок идора кардани хавфҳо қобилияти муайянкунӣ, таҳлил, баҳодиҳӣ ва пешгӯии хавфҳро доштан зарур аст.

Масъалаҳои илмии омӯзиши ҷиҳатҳои гуногуни баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ баҳсталаб буда, суғуртакунӣ ҳамчун яке аз муҳимтарин воситаҳои идоракунии хавфҳо барои корхонаҳои мазкур аз нуқтаи назари суғуртакунандагон ва суғурташавандагон то имрӯз ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст.

Ҳамин тариқ, баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо воситаи муҳимми таъмини рушди босуботи ин корхонаҳо ба шумор рафта, мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти мазкурро муайян намудааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба масъалаҳои назарияҳои хавф ва суғурта, баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноатӣ бахшида шудаанд, ташкил доданд. Муқаррароти асосии назариявии тадқиқоти диссертатсия бо пешниҳодҳои мушаххас аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, барои рушди корхонаҳои саноати бофандагӣ бо истифода аз усулҳо ва воситаҳои баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо равона карда шудаанд.

Омӯзиши матни автореферати тақризшаванда нишон дод, ки он дар асоси талаботи муқарраргардида таҳия карда шудааст.

Аз автореферати диссертатсияи Хайруллоев Ф.Н. чунин бармеояд, ки таҳқиқоти илмӣ дар сатҳи баланди назариявӣ, методӣ ва амалӣ ба анҷом расонида шудааст. Саҳми муҳими муаллифи автореферат дар он

ифода меёбад, ки ба андешаи ӯ яке аз воситаҳои асосии таъмини рушди босуботи корхонаҳои саноати бофандагӣ баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар ин корхона мебошад.

Унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н. дар заминаи таҳқиқи ҷиҳатҳои назариявӣ-методӣ асоснок кардааст, ки хавф унсури ҷудонашаванда ва ногузир дар фаъолияти ҳар як субъекти хоҷагидор, аз ҷумла корхонаҳои саноати бофандагӣ буда, бе хавф ба натиҷаҳои интизорӣ ноил гардидани ин корхонаҳо имконнопазир аст ва хавф агар, аз як тараф, эҳтимоли ба вуҷуд омадани зарар бошад, аз тарафи дигар, имкони гирифтани фоида ба шумор меравад ва аз ин ҷост, ки субъектҳои соҳибкорӣ бештар майл ба хавф доранд.

Ба андешаи унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н., хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ - «ин эҳтимоли дар шароити номуайянӣ ба вуҷуд омадани ҳодисаҳои ногаҳонӣ дар ҳамаи самтҳои фаъолият буда, тамоил нисбат ба нақшаи пешбинишуда мебошад, ки натиҷааш ё мусбат ё манфӣ мешавад» (с. 12). Таҳқиқи хусусиятҳои фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагӣ имкон додааст, ки муаллиф хавфҳои корхонаҳои мазкурро тасниф намуда, муайян намояд, ки хавфҳои асосие, ки хоси корхонаҳои боло зикр ҳастанд, инҳо мебошанд: истеҳсолӣ, табиӣ, тиҷоратӣ, нақлиётӣ (логистикӣ), молиявӣ, сиёсӣ, экологӣ, асъорӣ, қарзӣ, сармоягузорӣ, инноватсионӣ, таваррумӣ, амалиётӣ ва ғайра (с. 12).

Ба андешаи муаллифи автореферат, хусусияти асосии равиши баҳодиҳии сифатӣ ва миқдории хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ дар он зоҳир мегардад, ки аввал хавфҳои имконпазир ва зарари эҳтимолии онҳо муайян карда шуда, баъдан чорабиниҳо оид ба идоракунии онҳо таҳия карда мешавад (с. 13). Дар асоси таҳияи қолиби (матритсаи) дараҷаҳои таъсири гурӯҳи омилҳо ба сатҳи хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллиф муайян кардааст, ки ки дараҷаи хавфҳои корхонаҳои мазкур асосан аз таъсири хавфҳои зерин вобаста аст: молиявӣ, истеҳсолӣ, сармоягузорӣ, қарзӣ, инноватсионӣ. Барномаи маҷмӯии суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст (ҷадвали 7) (с. 28), аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, барои ба суғуртакунӣ ҷалб кардани корхонаҳои саноатӣ мусоидат мекунад. Дуруст ва эътимоднокии таҳқиқот дар дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ таҳия шудааст. Баъзе коркардҳои илмии натиҷагиришудаи таҳқиқоти диссертатсиониро дар ҷараёни таълим, инчунин таҳияи барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ истифода бурдан мумкин аст.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро ба таври пурра инъикос намуда, таълифоти унвонҷӯ аз сатҳи баланди муаррифии

натиҷаҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳад, ки он дар асоси талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 июни соли 2021, №267) таҳия гардидааст.

Дар баробари афзалияту дастовардҳо ва пешниҳоди дақиқи илмӣ, дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқоти ояндаи унвонҷӯ аз аҳамият холӣ ҳамебошад:

1. Агар дар автореферат мушкилоти дар самти суғуртакунии корхонаҳои саноати бофандагӣ мавҷудбуда ва роҳҳои ҳалли онҳо нишон дода мешуд, он гоҳ мазмун ва муҳтавои таҳқиқот боз ҳам хубтар мешуд.

2. Муаллиф агар дар автореферат моҳияти шаҷараи робитаи тарафайни коэффитсиентҳо ва устувории молиявии корхонаҳои саноати бофандагиро (расми 4) мушаххас шарҳ медод, қимати илмии таҳқиқот боз ҳам баланд мегардид.

Эродҳои болозикр хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмӯъ, аз таҳлилу баррасии авторефрати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич ҳангоми навиштани рисолаи диссертатсионӣ дар мавзӯи **«Баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ»** қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Авторефрати диссертатсия ва дастгоҳи илмии таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика мебошад.

Тақриздиҳанда:
доктори илмҳои иқтисодӣ,
Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара — Хайрзода Ш.Қ.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ 25
Тел.: +992 8331 22-28-06. E-mail: dddangara_2013@mail.ru

Имзои Ш.Қ. Хайрзодаро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДД — Асадуллоева Д.

Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015
назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ
(734042, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10а)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич дар мавзӯи «Баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика**

Мувофиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар марҳилаи нави рушд дар назди ҷумҳурӣ се вазифаи асосӣ меистад, ки яке аз онҳо таъмини рушди устувор ба воситаи диверсификатсия ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ буда, яке аз тадбирҳои асосӣ баҳри иҷрои ин вазифа таъмини суръати нисбатан баланди рушди саноат нисбат ба соҳаҳои дигари иқтисодиёт ва зиёд намудани ҳиссаи он дар маҷмуи маҳсулоти дохилии ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Яке аз соҳаҳои муҳимми саноати ҷумҳуриро саноати бофандагӣ ташкил намуда, фаъолияти корхонаҳои мазкур бо хавфҳои гуногун алоқаманд буда, таъсири он хавфҳо махсусан дар шароити номуайянӣ ва ноустувори рушди иқтисодӣ боз ҳам бештар мегардад. Сабаби ин он аст, ки номуайянии падидаю равандҳои иқтисодӣ хусусияти умумии иқтисоди бозорӣ буда, зуҳури онҳо ҳам боиси зарар ва ҳам фоида шуда метавонад. Дар чунин ҳолат зарурати баҳодиҳӣ ва идоракунии ин хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ ба миён меояд, ки он муҳим будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро муайян менамояд.

Тавре аз матни автореферат бармеояд, мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ асосноккунии назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили усулҳо ва механизми баҳодиҳии хавфҳо ва суғуртакунии онҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Унвонҷӯ роҳи расидан ба ин ҳадафро дар иҷрои вазифаҳои таҳқиқот медонад, ки ҳалли онҳо барои таҳияи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат намудаанд. Маҳз вобаста ба ҳамин, мавзӯъ, муҳиммияти он, объекти таҳқиқот, масъалаҳо ва усулҳои таҳқиқот муайян карда шудаанд. Муаллиф объекти таҳқиқотро корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудааст, ки дар шароити номуайянӣ ва хавф фаъолият мекунанд. Ба сифати мавзӯи таҳқиқот муносибатҳои иқтисодие, ки дар раванди баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноатӣ ба вуҷуд меоянд, истифода шудаанд.

Муаллиф дар автореферати худ дуруст қайд намудааст, мафҳуми «хавф» бо мафҳумҳои «эҳтимол» ва «номуайянӣ» робитаи ҷудонашаванда дорад. Воқеан хавф хосияти эҳтимолӣ дорад, зеро пешакӣ ба таври аниқ муайян кардани фарорасии ин ё он ҳодиса имконнопазир буда, вале эҳтимол наметавонад муайянкунандаи хавф бошад. Мафҳуми «номуайянӣ» мавҷуд набудан ва ё нокифоягии иттилоот ва муайянӣ, яъне боварии аниқ надоштанро оиди натиҷаи ин ё он ҳодиса инъикос менамояд (с. 11). Унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н. дуруст қайд намудааст, ки «муайян намудани хавф ҳамчун эҳтимоли гирифтани танҳо зарар дуруст набуда, мазмуни иқтисодии мафҳуми гуногунпаҳлу ва мураккаби хавфро пурра ифода карда наметавонад, зеро хавф эҳтимоли гирифтани натиҷаи мусбат (фоида) низ мебошад» (с. 12).

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки дар таҷрибаи байналхалқии суғуртакунӣ ба мафҳуми паҳншудаи «хавфҳои саноатӣ» ҳодисаҳои ногаҳонӣ ва ногуворе дахл доранд, ки корхонаи саноатӣ (воситаҳои асосӣ ва гардони он) ба онҳо дучор шуда, дар натиҷа ба корхона зарари мустақим ва ғайримустақим расонда мешавад (13).

Дар асоси таҳлили маълумоти оморӣ муаллиф муайян кардааст, ки шумораи корхонаҳои саноати бофандагӣ дар соли 2021 ҳамагӣ 414 ададро ташкил намудааст, ки ин рақам назар ба соли 2016 ба андозаи 62 адад ё 17,6% бештар мебошад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти насоҷӣ ва дузандагӣ дар соли 2021 ба 4 096 млн. сомонӣ баробар шудааст, ки ин рақам назар ба соли 2016 ба андозаи 2576 млн. сомонӣ ё 169,5% бештар аст (14).

Муаллиф бо мақсади баҳодиҳии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои дохилӣ ва берунӣ, инчунин сабабҳои пайдоиши ин хавфҳоро муайян карда, дар асоси омӯзиши адабиёти гуногун алгоритми соддакардашудаи технологияи баҳодиҳии экспертии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагиро таҳия намудааст.

Бо мақсади баҳодиҳии микдории аҳамияти иқтисодии омилҳои хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф усули баҳодиҳии экспертиро истифода бурда, ба сифати экспертҳо олимони пуртаҷриба ва мутахассисони соҳаро интихоб намуда, дар байни онҳо пурсиш гузаронидааст, ки натиҷааш дар ҷадвали 3 инъикос карда шудааст (с. 16).

Дар самти идоракунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ баҳодиҳии самаранокии иқтисодии усулҳои суғуртакунӣ ва худсуғуртакунӣ нақши муҳим дорад. Бинобар ин, муаллиф бо истифодаи модели Хаустон самаранокии суғуртакунӣ ва худсуғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагиро арзёбӣ намудааст (с. 22-25).

Барои самаранок ва оқилона ташкил намудани механизми идоракунии хавфҳо унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н. алгоритми суғуртакунии хавфҳои корхонаи саноати бофандагиро таҳия кардааст (расми 5), ки аҳамияти зиёди назариявӣ ва амалӣ дорад (с. 27). Дар асоси омӯзиши

таҷрибаи хориҷӣ Барномаи маҷмӯии суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуда, муайян карда шудааст, ки Барномаи мазкур назар ба суғуртакунии алоҳидаи хавфҳо дар ширкатҳои суғуртавии гуногун як қатор бартариятҳо дошта, суғурташавандагон (корхонаҳои саноати бофандаги)-ро дастгирӣ ва ҳавасманд мекунад (с. 31).

Хулоса, автореферат дар сатҳи баланди назариявӣ ва методологӣ навишта шудааст, вале дар он баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, ки миёни онҳо метавон ҳолатҳои зеринро ҷудо намуд:

1. Дар автореферат ба баррасии муаммоҳое, ки дар раванди суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ дида мешаванд, пурра зикр нагардиданд.

2. Мутаассифона дар автореферат омӯзиши баъзе ҷабҳаҳои баҳодиҳии хатарҳои истеҳсолӣ аз диди назари муаллиф дур мондааст.

Бояд қайд намуд, ки дар маҷмуъ камбудиҳои зикршуда он қадар ҷиддӣ набуда, арзиши назариявӣ, методологӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро паст намекунанд.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич дар мавзӯи «Баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ» дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, директори Филиали Донишгоҳи таҳқиқотии технологӣ МИСИС дар шаҳри Душанбе

Ҷураев М.А

**Суроға:** 734042, шаҳри Душанбе, кӯчаи Назаршоев 7,
Тел: (+992) 909005500. E-mail: dzhuraevma@misis.ru

Имзои «Ҷураев М.А»-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо Зарипова М.А.